# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт**

Равшан аст, ки омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисодиёти ватанӣ бахусус соҳаи сайёҳӣ маҳз дар замони истиқлолияти давлатӣ рангу равнақи тоза гирифта, дар қатори самтҳои дигари илму технологияи навин ба риштаи таҳқиқ кашида шуд.

Рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” бо назардошти дарёфти заминаҳои рушди иқтисодиёти ватанӣ таълиф гардида, фарогири муҳимтарин иттилоот ва усулҳои наву замонавӣ дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт таркиб ёфта, 175 саҳифаи матни чопӣ, 15 ҷадвал, 6 расм ва 150 номгӯи адабиётро дарбар гирифтааст.

Муқаддимаи рисола ба меъёрҳои таълифи рисолаҳои номзадии соҳаи мазкур ҷавобгӯ буда, дар он мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгониҳо ва арзиши татбиқи таҳқиқот огоҳона муайян карда шудааст.

Боби якуми рисола, ки “Асосҳои назариявӣ ва методологии амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳӣ” ном гирифтааст, дар муайян намудани мафҳумоти соҳа, моҳияти масъала, мушаххасоти сайёҳӣ, марҳилаҳои рушди сайёҳӣ ва махсусиятҳои он маълумоти арзишмандеро фаро гирифтааст. Таҳлили истилоҳотӣ ва сайри таърихии мафҳуми сайёҳӣ дар ин боб баррасӣ гардидааст, ки дар шинохти дуруст ва илмии мафҳуми “сайёҳӣ” аҳаммияти махсусро соҳиб мебошад. Дар ин маврид муаллиф қайд мекунад, ки “...таърифҳое, ки дар онҳо сайёҳӣ чун соҳаи истироҳат, истеҳсолкунандагони

фароғати сайёҳӣ ва захираҳои сайёҳӣ маънидод шудаанд, ба таври зарурӣ инкишоф наёфтаанд. Барои бартараф намудани чунин фаҳмиши сайёҳӣ бояд дар таърифи он талабот ва пешниҳод, қисми таркибии низоми муносибатҳои иқтисодии миллӣ ва ҷаҳонӣ будани сайёҳӣ ҷой дода шавад" (9).

Дар ҳар як маҷмааи сайёҳӣ шароити хос барои рушди соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ вуҷуд дорад. Истифодаи иқтидори табиӣ дар вариантҳои махсуси ташкили хизматрасонӣ, амалкарди маҷмааи сайёҳӣ дар ҳар маврид бояд ба назар гирифта шаванд. Баробари сохтори вариантҳои фаъолияти ҷорӣ, ба мавқеъ такид дорад муаллиф, манбаъҳои маблағгузоририи сохтмонро низ ташаккул додан лозим аст (15).

Муаллиф бо нишон додани амсилаҳо ва таснифи математикӣ - иқтисодӣ муҳимтарин масъалаҳои марбут ба соҳаи мазкурро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст, ки аҳаммияти кори муаллифро баланд кардааст. Сарфи назар аз истифодаи васеъ ва гуногунҷанбаи усулҳои иқтисодӣ ва математикӣ дар ҳалли масъалаҳои гуногуни фаъолияти сайёҳӣ амсилаҳо ва усулҳои оптималӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳӣ такмили минбаъдаро тақозо мекунанд. Чунин коркардҳо махсусан дар замони ҳозира саривақтӣ мебошад.

Боби дуюми рисола "Амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди маҷмааи сайёҳӣ" унвон гирифтааст, ки дар атрофи меъёрҳои иқтисодии оптималигардонии рушди сайёҳӣ маводи хуби илмиро дар бар мегирад. Аҳамияти илмии боби мазкур пеш аз ҳама дар тавсифи математикии гузориши масъалаи рушди соҳаи сайёҳӣ ва коркарди амсилаи зина ба зинаи ташаккул ва рушди маҷмааи сайёҳӣ мебошад.

Тадқиқи муносибатҳои соф бозории соҳаи хизматрасониҳои сайёҳӣ, ба ҳисоб нагирифтани нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки хизматҳои оммавии пасту миёнасифат ба рақобат тоб наоварда аз байн мераванд. Аз ин бармеояд, ки МС-и рушдкунанда низоми иқтисодии динамикӣ мебошад ва дар он харҷи маблағҳои гуногунвақта ва натиҷаҳои амалкарди рушд дида мешавад. Амсилаи коркардшудаи оптималӣ

гардонидани давра ба давраи маҷмуи сайёҳӣ барои ҳалли чунин гузориши масъала равона гаштааст.

Боби сеюми рисола "Амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд" аст, ки нишондиҳандаҳои густариши комплекси сайёҳии вилояти Суғдро дар бар гирифтааст. Муаллиф ба ин натиҷа мерасад, ки "Маҷмуи амсилаҳои сайёҳӣ бояд ба маълумоту дастурҳои асоснок такя намуда, ба такмили пойгоҳи моддӣ он равона гардад. Пешниҳодҳои бодалел оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди сайёҳӣ амсилаҳо бояд инъикос намоянд" (13).

Бо назардошти ин матлаб муаллифи рисола татбиқи амсилаи математикӣ - иқтисодиро таҳия намуда, алгоритми онро дар оптимиалӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд амалӣ намуда, самтҳои инкишофи танзими давлатии рушди соҳаи сайёҳро бо истифода аз банақшагирии стратегӣ пешкаш намудааст.

Дар маҷмӯъ, рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович мазмун ва муҳтавои таҳқиқотро ба пуррагӣ фаро гирифтааast.

Бо вуҷуди ҷанбаҳои пурқуввати илмӣ, назариявӣ ва амалии рисола баъзе ғалатҳои услубию имлоӣ дар рисола ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор буда, арзиши рисоларо боз ҳам афзун менамояд:

1. Коркарди дизайнии ҷадвалҳо дар рисола зарур ба назар мерасад;

2. Ба инобат гирифтани сархатҳо дар матни рисола мувофиқи мақсад хоҳад буд. Зеро дар рисола баъзан ҷумлаҳо, ки бояд аз сархат оғоз гарданд, бидуни сархат омадаанд, ё баъзе фикрҳое, давоми ҷумларо ташкил медиҳанд аз сархат навишта шудаанд.

3. Ғалатҳои забонӣ, услубӣ ва имлоӣ дар саҳифаҳои 5, 8, 13, 23, 24, 31, ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб хоҳад буд.

Ин гуна ғалатҳои ҷузъӣ ҳаргиз арзиши илмӣ, назариявӣ ва амалии рисоларо кам намекунанд. Рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии

вилояти Суғд)" кори ба анҷомрасида буда, ба меъёрҳои таълифи рисолаҳои номзадӣ ба пуррагӣ ҷавобгӯ мебошад ва барои пешниҳод ба ҳимоя дар Шурои дисертатсионӣ 6D КОА-045- назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" тавсия дода мешавад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи математикаи
олӣ ва технологияҳои
инноватсионии ДИС ДДТТ — Ҷабборов А. А.

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ А.А. Ҷабборов-ро тасдиқ менамоям

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДИС ДДТТ** — Маҳмудов Ш.У.

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 169
Тел:+992 (3422) 6-03-21
e-mail: info@iet.tj